Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

Ибодуллозода А. И.
«17» январи соли 2024

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна дар мавзуи "Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошад. Зеро омӯзиши масъалаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои асосӣ дар низоми донишҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, таҳқиқи он дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии давраи гузариши сиёсӣ ва таҳкими онҳо аҳамияти махсусан илмию амалиро соҳиб аст. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳо, махсусиятҳо ва пешомадҳои инкишофи он аҳамияти махсус пайдо намуда, дар рушди низоми нави давлатдории миллӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд. Диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна дар мавзуи "Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти № 311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи масъалаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои инкишофи он дар он ифода меёбад, ки то ҳанӯз масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити кишвари мо аз ҷониби муҳаққиқон ба таври зарурӣ ва комил омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки

таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусиятҳои зуҳури онҳо, моҳият ва шаклгирии онҳо ҳамчун масъалаи рӯзмарра аҳамияти барҷастаро пайдо намудаанд. Махсусан, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ташаккул ва такмили истиқлоли сиёсии кишвар ва зиёда аз ин, дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ зарурати таҳқиқу баррасии махсусро талаб дорад.

Ҳамчунин, мубрамии мавзуи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки зарурияти таҳқиқ ва баррасии на танҳо самтҳои нави инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеият пайдо намояд, балки махсусиятҳои ташаккули раванди сиёсии дар рушди ҳаёти сиёсии ҷумҳурии соҳибистиқлол баамаломада низ муайян гарданд.

Саҳми муаллиф дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни назариявию амалии ҷомеаи шаҳрвандӣ асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватаниро истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун истифода намояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои навгониҳои зарурии илмӣ мебошад. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мақсади асосии таҳқиқотро таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои раванди ташаккул, инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани монеаҳо ва мушкилоти он ва пешниҳоди тарҳи мусоиди ҳамкории ниҳодҳои таркибии сохтори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил менамоянд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити демократикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ дар раванди таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

1) таҳлил ва натиҷагирии масъалаҳои назариявию сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ошкор намудани проблемаҳои асосии назариявию таҳқиқотии он;
2) таҳқиқи масъалаҳои умумӣ ва махсуси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир, муайян намудани тарзи муносибати методологӣ ба онҳо;
3) омӯзиши ҳамаҷониба ва натиҷагирӣ аз хусусиятҳои асосии воқеияти инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) омӯзиши сатҳи фаъолнокии унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии онҳо;

5) ошкор намудани низоми таъсиррасонии унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсири онҳо ба инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6) таҳқиқи мухолифатҳо ва зиддиятҳои инкишофи унсурҳои таркиботию фаъолиятии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пайдо намудани роҳҳо ва воситаҳои танзими онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7) таҳқиқи дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон ва ғайра.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба муаллифи кори диссертатсионӣ муяссар гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар бахшҳои гуногуни рисола муайян созад. Аз ҷумла, муаллиф тавонистааст, ки навгониҳои кори диссертатсиониро ба таври муваффақона нишон диҳад. Таъкид мегардад, ки навгонии илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ бармеояд. Он ҷиҳатҳои зеринро фаро гирифтааст:

– аз ҷиҳати назариявию методологӣ мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" таҳқиқ гардида, унсурҳои асосии таркибии он ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд;

– тарҳи ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таркиботию фаъолиятии он муайян карда шуданд;

– унсурҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, маводи гуногуни зиёди алоқаманд ба масъалаи мазкур таҳлилу натиҷагирӣ шудаанд;

– масъалаҳои фаъолнокии унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии онҳо мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд;

– низоми таъсиррасонии унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, пешниҳодоти мушаххас иброз шудаанд;

– робитаҳои мутақобилаи давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳкими истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа муайян карда шуданд;

– барои дарки шароит, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳо ба харҷ дода, моҳияти он дар заминаи демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба хусусиятҳои равандҳои сиёсӣ муайян карда шудаанд;

– дар асоси таҳқиқоти маҷмуӣ тамоюлҳои асосӣ ва пешомади рушди босуботи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуданд.

Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия тағйироти сифатии тайи солҳои истиқлоли сиёсии давлат бавуҷудомада мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳоро дар таҳқиқоти минбаъда истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои омӯзиши мушкилоти

шаклгирии давлати муосири Тоҷикистон, такмил додани раванди демократикунонии ҷомеа ва бевосита дар рушди ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҳангоми муносибатҳо бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, намояндагиҳои иҷтимоӣ, кор бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷиҳати демократикунонии низоми идоракунии давлат истифода намуд. Натиҷаҳои мазкурро, инчунин ҳангоми омӯзиши предметҳои таълимии мухталифи илмҳои сиёсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низоми бозомӯзии кормандони сатҳи гуногун истифода намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои нашргардида. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар 6 макола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 5 конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро пайдо кардаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дарбаргирандаи панҷ зербоб аст, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Муаллиф дар боби якуми рисола – «**Асосҳои назариявию методологии пажӯҳиши масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ**», ки аз ду зербоб иборат аст, масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи проблемаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандиро аз назари консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби якум муаллиф мафҳум, моҳият ва махсусиятҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро ҷомеаро таҳқиқ намуда, таъкид месозад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз зерсистемаҳои мураккаби системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, низоми хосаи ташаккул, инкишоф, таназзул ва эҳёро соҳиб гардидааст. Ба сифати манбаи назариявию методологӣ асарҳои муҳаққиқони макон ва замони гуногун, аз замони Афлотун сар карда, то ба олами муосирро истифода намуда, андешаҳо

ва хулосаҳои худро таҳвият бахшидааст. Муаллиф иброз менамояд, ки ба масъалаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ, асосан ду сатҳи муносибатҳо: нигоҳи ниҳодӣ ва нигоҳи воситавӣ бештар истифода мешавад. Нигоҳи ниҳодӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ онро аз маҷмуи ниҳодҳои дорои хосияти ҷамъиятӣ иборат медонад. Назари воситавӣ онро ҳамчун низоме баррасӣ менамояд, ки тавассути он масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ ҳалли худро пайдо мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола муаллиф таъкид менамояд, ки ҳангоми таҳқиқу таҳлили масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тарзи муносибат ва тарҳи консепсияҳои гуногун мавриди истифодаанд, ки ҳар яке аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, ё мактабҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар кори диссертатсионӣ заминаҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намудаанд, мавриди омӯзиш ва натиҷагириҳо қарор гирифтаанд. Хусусиятҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар ҳар сурат дар зери таъсири омилҳои замонӣ ва маконӣ сурат гирифтааст, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ба раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ҳозира бештар равандҳои модернизатсионӣ ва демократикунонӣ таъсири муассир мегузоранд.

Ҳамчунин, муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди таҳлили ҷанбаҳои назариявию методологии ҷомеаи шаҳрвандӣ фаҳми амиқи хусусиятҳои мухталифи он низ аҳамияти муҳим доранд. Зеро дар инкишофи таърихии олам намунаҳои инкишофи ҷомеаҳои шаҳрвандӣ кам нестанд Дар масъалаи мазкур ҳар як кишвар махсусиятҳои худро касб намудааст. Аз замони шаклгирии аввалин ҷомеаҳои кушод то ба ҳол навъҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи мухталиф аз хеш дарак медиҳанд. Махсусан, дар замони муосир навъҳои онҳо хеле зиёданд.

Боби дуюми рисола – «**Ҷомеаи шаҳрвандӣ: мақом ва нақши он дар такмили системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар ин қисмати рисола муаллиф махсусиятҳои рушди сиёсии давлат, аз ҷумла, таҳкими истиқлоли сиёсӣ, ташаккули системаи нави сиёсӣ, тамоюлҳои асосӣ ва дурнамоии рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва хулосагирӣ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои замонӣ ва ҳолати рушди сиёсӣ сурат гирифтааст. Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ташаккули системаи нави сиёсӣ, гузаронидани ислоҳоти соҳавӣ имконияти дар шароити Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ ва пешрафтаро таҳким бахшиданд, ки онҳо дар навбати худ заминаи воқеии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ гаштанд.

Дар навбати худ, муаллиф ишора менамояд, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ҳолати асосию муайянкунанда ва хосиятҳои рушди давлатҳои муосир ба ҳисоб меравад. Он ба омилҳои гуногуни дохилию беруна алоқаманд буда, вобаста ба макон ва замон метавонад хусусияти дусамта: пешрафта ва осебпазир дошта бошад. То ҳол инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои хусусияти асосии ба самти пеш ҳаракаткунандагӣ дорад. Баъзан ҳолатҳое низ мешавад, ки дар як вақт тағйирёбӣ ҳам зуҳуроти мусбӣ ва ҳам манфиро ба худ мегирад. Ин ҷиҳат барои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ хос аст.

Муаллиф таъкид месозад, ки тағйироти сифатие, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар сартосари ҷаҳон ба вуқуъ пайваст, ба Тоҷикистони тозаистиқлол, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, бетаъсир намонд. Вобаста ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии бозоргонӣ ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтани он дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон низ тағйироти куллӣ ба амал омад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм масъалаҳои асосии алоқаманд бо фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаклҳои он дар амалияи сиёсии кишвар таҳлилу таҳқиқ гардиданд. Ба даст овардани истиқлоли сиёсии Тоҷикистон, вазъияти сиёсии давлат дар солҳои 90-уми асри XX, ташаккули гуногунандешиву ошкорбаёнӣ, ташаккул ва фаъолгардии ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ гардиданд. Дар рисолаи диссертатсионӣ таъкид мегардад, ки хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити Тоҷикистон гуногунии таркиби ниҳодӣ ва созмонии он ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки дар фазои сиёсии давлат ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ арзи ҳастӣ намудаанд, фаъолият мебаранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм муаллиф масъалаҳои марбут ба муаммоҳо ва мушкилоти мавҷуда дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дурнамои инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд. Муаллиф таъкид месозад, ки ҷавҳари асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити Тоҷикистон, пеш аз ҳама, рушди низоми давлатдории миллӣ ташкил медиҳад. Ин давраи муҳимми таърихӣ дар инкишофи давлати навини Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асоси онро ба инобат гирифтани урфу одат ва анъанаҳои давлатдории миллӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити фаъолии сиёсии аксарияти шаҳрвандон ташкил медиҳанд. Давлат низ ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи дастаҷамъӣ кафолат дода, ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Аз назари муаллиф бунёди тарҳи тоҷикистонии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо баҳисобгирии хосиятҳои миллӣ ва махсуси инкишофи иҷтимоӣ асос ёфтааст, ба вазифаҳои муҳимми инкишофи истиқлоли сиёсии давлат дохил мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷрибаи ҷаҳониро ба

инобат гирифта, рушди ҷомеаи шаҳрвандро таҳким бахшад. Чунонки дар диссертатсия таъкид мегардад, раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси инкишофи системаи сиёсӣ дар шароити гузариши сиёсӣ тавассути ба роҳ вусъати ислоҳоти сиёсӣ сурат мегирад. Ислоҳоти сиёсӣ ҳамчун унсури фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ буда, таъсири назарраси худро ба вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар соҳаҳои системаи сиёсӣ, ки дар навбати худ, ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳвият мебахшанд, мерасонад.

Хулосаву натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалиро соҳибанд, зеро онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ ва воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Н.А. Ҳошимова баъзе норасогиҳо мавҷуданд. Аз ҷумла:

1. Дар кори диссертатсионӣ ба таълимоти навтарини ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷойгоҳи он дар системаи сиёсии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ диққат дода нашудааст. Муаллифро зарур аст, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи бештар менамуд ва имконоти истифодаи онҳоро дар шароити Тоҷикистон нишон медод.

2. Муаллиф ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар ба таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарб ва рус такя намуда, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таҳқиқоти олимонӣ ватанӣ васеътар истифода менамуд.

3. Дар кори диссертатсионӣ низоми фаъолияти унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосаро пайдо намудааст. Аммо муаллиф ба монеаҳо ва масъалаҳои пешомади инкишофи ҳодисаи мазкур диққати зарурӣ надодааст.

4. Диссертантро зарур аст, ки ҳангоми натиҷагириҳои таҳқиқот масъалаи истифодаи амалии пешниҳодотро мушаххасан нишон медод.

Дар маҷмуъ эродҳои номбаргардида ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна дар мавзуи “Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31-33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми январи соли 2024, протоколи № 7 муҳокима гардида, тасдиқ шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 13 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси маҷлис:
мудири кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Нуриддин П. Р.

Котиби маҷлис:
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050200 сиёсатшиносӣ — Амиров Т. Ш.

Эксперт:
номзади илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедра — Ахиева С. У.

Имзои П. Р. Нуриддин, Т. Ш. Амиров ва С. У. Ахиеваро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Телефон (корӣ): +992 (37) 224-13-83.
Сомонаи расмӣ: www:tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj